«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои физика ва математика, профессор ________ Хоҷазода Т.А.
«___»________________соли 2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи такриздиҳанда ба диссертатсияи Ғафforзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия.**

Диссертатсияи доктории Ғафforзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва қонунгузории граждаиву оилавӣ бахшида шуда, дорои хусусиятҳои ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ бо якчанд омилҳо аз ҷониби муаллиф воқеан асоснок карда шудааст. Якум, кӯдак субъекти муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ буда, вазъи ҳуқуқии он дорои хусусиятҳои зиёд мебошад, ки таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии кӯдак, асосан, аз лиҳози ҳуқуқи оила баррасӣ гардида, дар доираи ҳуқуқи гражданӣ сухан дар бораи «ноболиғ» меравад. Дар назария ва қонунгузорӣ то ҳол таносуби ин мафҳумҳо номуайян мебошад. Ба андешаи рисоланавис, консепсияи вазъи ҳуқуқии кӯдак ягона буда, дарки гуногуни он бинобар иштирок дар муомилот бо номҳои гуногун қобили қабул нест. Бояд дар тамоми қонунгузорӣ сухан дар бораи «кӯдак»

равад. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳуми мазкур истифода мешавад. Дуюм, дар натиҷаи рушди муомилоти гражданӣ зарурат пеш омадааст, ки нисбат ба вазъи ҳуқуқии кӯдак муносибати васеътар карда шавад. Натиҷаи чунин муносибат аст, ки қонунгузорӣ пайваста такмил ёфта, таъсири мутақобила байни санадҳои қонунгузорӣ зиёд шуда истодааст. Дар ҷодаи вазъи ҳуқуқии кӯдак ин мушкилот дučанд ба мушоҳида расида, оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқиро дорад, вале аз ин ҷанба масъала то ҳол баррасӣ нагардидааст. Масалан, вобаста ба вазъи ҳуқуқии кӯдак дар қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ бисёр масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондааст, ки муносибати махсус ва таҳлили амиқи илмиро талаб мекунанд. Сеюм, муаллиф андеша дорад, ки дар қонунгузории гражданӣ як қатор воситаю механизмҳое мавҷуданд, ки тавозуни байни манфиатҳои падару модар ва фарзандонро таъмин мекунанд. Дар ҳақиқат, бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” мушкилоти соҳа баръало эҳсос гардида, вазифаҳо ва диди навро нисбат ба он ба миён овард. Омӯзиш ва ҷамъбаст намудани паҳлуҳои ин масъала низ яке аз мақсадҳои рисолаи докторӣ мебошад.

Тавре муаллифи диссертатсия тасдиқ менамояд, таҳқиқоти мазкур кӯшиши аввалини таҳлили комплексии мушкилоти вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ буда, масъала асосан аз лиҳози ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ дар алоқамандӣ баррасӣ карда шудааст.

Ҳолатҳои зикргардида, бешубҳа, мубрамии мавзӯъро муайян карда, барои интихоби он ҳамчун мавзӯи рисолаи докторӣ асос гардидаанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки ба бандҳои 10, 11, 12, 13, 14, 15 ва 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) муайян карда шудаанд.**

Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ, оилавӣ ва қонунгузории Тоҷикистон мусоидат мекунад. Аз ҷумла ҷанбаҳои хоси проблемаҳои

ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз ҷониби муаллиф коркард шудааст. Инчунин паҳлуҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, пай дар ҳам таҳлил намудани қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Ба ҳимоя нуқтаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Асоснок шудааст, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак дар замони муосир натиҷаи таҳаввулоти таърихии танзими ҳуқуқии масъалаҳо вобаста ба кӯдак мебошад. Бинобар ин баррасии вазъи хоси ҳуқуқии кӯдак дар ҷараёни рушди таърихӣ ба мақсад мувофиқ буда, барои асоснок намудани мустақилияти кӯдак ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ усули мақсадноки илмӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши таърихии масъала нишон медиҳад, ки ба масъалаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар давраҳои гуногун ба таври мухталиф таваҷҷуҳ шуда, байни низоми ҳуқуқӣ, навъи давлат ва ғайра бо вазъи ҳуқуқии кӯдак робитаи бевосита ҷой дорад. Дар тамоми низомҳои ҳуқуқии таърихӣ ҳолати ҳуқуқии кӯдак бевосита бо вазъи ақди никоҳ ва ҳолати ҳуқуқии оила вобаста буд. Тадриҷан то ҳадди муайян қонунгузор нисбат ба фарзандон мустақилияти молумулкиро эътироф намудааст.

2. Дар маҷмӯъ, дар меъёрҳои ҳуқуқии зардуштия дар тафовут аз ҳуқуқи римӣ ва ҳуқуқи мусулмонӣ ҳуқуқҳои инсон сарфи назар аз бароманди этникӣ, шаҳрвандӣ, ҷинс, мансубияти динӣ, акди никоҳ, синну сол ва ғайра бештар инъикосу мустаҳкам шудаанд. Ҳуқуқи кӯдак ҳанӯз аз замони дар батни модар будан мавриди ҳимоя қарор дошт, ҳарчанд дар он мафҳумҳои «қобилияти ҳуқуқдорӣ», «субъекти ҳуқуқ» ва ғайра истифода нашудааст. Дар сарчашмаҳои зардуштӣ ҳамчунин муқаррарот вобаста ба фароҳам овардани шароит ҷиҳати таваллуди фарзанди солим ва рушди минбаъдаи он мустаҳкам шудааст. Баррасии масъала нишон дод, ки дар тафовут аз низомҳои ҳуқуқии қадима ва ҳатто дар баъзе масъалаҳо аз низомҳои ҳуқуқии муосир, дар ҳуқуқи зардуштия танзими рафтор фақат бо меъёри манъкунанда маҳдуд намешуд. Барои таъмини амалигардии дурусти меъёрҳо муқаррароти мусоидаткунанда низ ҷой дошт. Идомаи таҷрибаи таърихӣ имрӯз низ баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак зарур мебошад.

3. Исбот шудааст, ки дар ҳуқуқи хусусӣ ду навъи ҳолати ҳуқуқии кӯдак бояд фарқ карда шавад:

1) кӯдаконе, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ намебошанд (тамоми кӯдаконе, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд) ва нисбат ба онҳо ҳуқуқҳои падару модар, ки дар боби 12 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, татбиқ мегардад;

2) кӯдаконе, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мебошанд, ҳарчанд ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд (бинобар бастани акди никоҳ ё дорои қобилияти пурраи амал – эмансипатсияшуда эътироф кардан) ва нисбат ба онҳо ҳуқуқҳои падару модар, ки дар боби 12 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, татбиқ намегардад.

Ба чунин навъҳо ҷудо кардани кӯдакон пайомадҳои муайяни ҳуқуқиро ба миён меорад.

4. Муаллиф масъалаҳои марбут ба таносуби мафҳумҳоро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки мафҳумҳои «кӯдак» ва «ноболиғ» ҳаммаъно мебошанд, ба шарте сухан дар бораи вазъи умумии ҳуқуқи

кӯдак равад. Агар зарурат ба мушаххасгардонӣ ва маънидоди мазмуни меъёрҳои алоҳида равад, чунин мавқеъгирӣ ғалат аст. Асоснок шудааст, ки мафҳуми «кӯдак» мафҳуми умумии ифодакунандаи аломатҳои универсалӣ мебошад ва нисбат ба ҳама шахсоне татбиқ мегардад, ки ба синни 18 нарасидаанд. Зимнан мафҳуми мазкур тобеияти соҳавӣ надошта, истифодаи он яксон дар ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ҳатто соҳаҳои ҳуқуқи оммавӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра ҷоиз аст. Пас, мафҳумҳои «ноболиғ», «хурдсол», «наврас» бо мафҳуми умумии «кӯдак» фаро гирифта шуда, муносибати дуруст арзёбии маҷмӯи масъала мебошад, вагарна вазъи ҳуқуқии кӯдак нопурра ва номуайян боқӣ мемонад. Бо ҳамин сабаб барои дақиқ намудани вазъи кӯдак дар қонунгузории соҳавӣ баррасии маҷмӯӣ ва тафриқавии масъала тавсия шудааст.

5. Исбот шудааст, ки истифодаи ибора ва категорияи «вазъи ҳуқуқии кӯдак» дар ҳуқуқи гражданӣ ҷоиз буда, аз нуқтаи назари ҳуқуқи гражданӣ мафҳумҳои «ноболиғ» ва «хурдсол» бо назардошти қобилияти амалкунии граждании фард истифода мешаванд.

6. Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ ифодаи махсусияти равонию физиологӣ мебошанд. Пас, ба даст овардани қобилияти пурраи амалкунӣ ҳаргиз маънои аз байн рафтани «кӯдакӣ» намебошад. Ба ин маъно муаллиф ба тафсири муқаррароти Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки истисноро дар фаҳмиши кӯдак бо вазъи ҳуқуқӣ рабт медиҳанд мухолиф мебошад. Муқаррароти Конвенсия вобаста ба балоғат бояд ҳамчун синни равонию физиологӣ тафсир карда шавад. Яъне қонунгузории ҳар як давлат метавонад синни балоғатро муайян намояд. Вобаста ба ин синну сол вазъи ҳуқуқии кӯдак муқаррар карда мешавад. То расидан ба ин синну сол агар кӯдак қобилияти пурраи амалкуниро ба даст орад, ӯ субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, вале на ба маънои равонию физиологӣ. Танҳо аз лиҳози ҳуқуқӣ қонунгузории ин ё он давлат вазъи ҳуқуқии ӯро (ҳамон ҳам дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ) бо вазъи ҳуқуқии шахси болиғ баробар менамояд.

7. Вазъи ҳуқуқии кӯдак чун субъекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ чораҳои махсуси ҳимоявиро талаб менамояд. Қонунгузор ҳолатҳои гуногуни равонӣ ва синнусолиро ба инобат гирифта, ин «нопуррагӣ»-ро тавассути институти намояндагони қонунӣ пурра намудааст. Ин вазъият паҳлуи дигар дорад – бархӯрди манфиати кӯдак бо манфиати намояндаҳо. Аз ин рӯ, коркарди консепсияи ҳуқуқи кӯдак дар ҳуқуқи хусусӣ зарур мебошад, дар акси ҳол мустақилияти кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқ таъмин намегардад.

8. Ҳуқуқи кӯдак дар маҷмӯъ зуҳуроти бандубастнашудаи ҳуқуқӣ буда, аз лиҳози методологӣ онро байнисоҳавӣ ва комплексӣ арзёбӣ карда, дар ин ё он соҳаи ҳуқуқ вазъи ҳуқуқии кӯдакро мушаххас намудан мумкин аст. Зимнан дар ҳар як соҳаи ҳуқуқ «вазъи махсус»-и ҳуқуқии кӯдакро нишон додан мумкин аст.

Ба андешаи муаллиф нисбат ба проблемаи мазкур аз ду паҳлу бояд муносибат карда шавад: (1) вазъи ҳуқуқии кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқ; (2) вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳар як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ.

9. Асоснок шудааст, ки дар ҳуқуқи гражданӣ истифодаи истилоҳи «қобилияти амалкунии қисмӣ» имконпазир мебошад. Ба андешаи муаллиф, инкори истилоҳи мазкур бо асосҳои зерин мувофиқи мақсад намебошад: 1) таърихан ин намуди қобилият аз даврони ҳуқуқи римӣ қобилияти амалкунӣ эътироф шудааст; 2) қонунгузор чун анъана ин намуди қобилиятро қобилияти амалкунӣ эътироф намудааст; 3) дар сурати инкор аз ду сар зарурати «номгузорӣ»-и ин намуди қобилият пеш омада, ҷустуҷӯи институти нав ягон навгониро ба бор намеорад, баръакс он боз такрори нишонаҳои қобилияти амалкунӣ шуда, масъаларо мураккабтар менамояд.

10. Асоснок шудааст, ки кӯдак субъекти мустақили ҳуқуқи гражданӣ буда, ба чунин сифат тамоми унсурҳои талабшавандаро доро аст. Таҳлил нишон дод, ки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ва оилавӣ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян буда, дар ин ё ин ҳаҷм иштирокчии фаъол мебошад. Бо ҳамин асосҳо ба ақидаи дар адабиёти ҳуқуқӣ баёншуда оид

ба он, ки кӯдак ба маънои аслӣ ғайри қобили амал буда, дар ҳамин нишонаи асосии кӯдак ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқ ифода меёбад, наметавон розӣ шуд. Баръакс, вазъи ҳуқуқии кӯдак дорои хусусиятҳоест, ки дар маҷмӯъ субъекти махсуси ҳуқуқ будани кӯдакро муайян менамоянд.

11. Пешниҳод шудааст, ки тамоми уҳдадориҳои алиментдиҳӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва дарҷ намудани вазъи махсуси он бояд ба ду гурӯҳ ҷудо карда шаванд:

- уҳдадориҳои алиментдиҳӣ нисбат ба кӯдакон;
- уҳдадориҳои алиментдиҳӣ нисбат ба болиғон.

Маълум аст, ки алиментгирандагон муҳтоҷон ва шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарордошта мебошанд, вале барои кӯдакон ин ҳолат дукарата вазнин аст. Онҳо ҳам муҳтоҷи таълиму тарбия ва нигоҳубин мебошанд ва ҳам муҳтоҷи таъминот. Аз ин рӯ, ҷудо намудани вазъи ҳуқуқии алиментгирии онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дигар пешниҳодҳои муаллиф, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дорои аҳамияти калони илмӣ дошта, аз навгонӣ ва мустақилияти таҳқиқоти гузаронида шуда дарак медиҳанд. Гузашта аз он, аз ҷониби муаллиф чандин таклифу пешниҳодҳои асоснок ва саривақтӣ вобаста ба такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур шудаанд, ки аз аҳамияти амалӣ доштани таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар се монография, зиёда аз 19 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Хулоса, натиҷа ва нуқтаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинар, конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Асардуздӣ дар диссертатсия мушоҳида намешавад.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуқтаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажуҳишҳои соҳавӣ ва маводи назариявӣ-амалии мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-таҳқиқотие ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои умумии ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ бахшида шудаанд. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз мадди назари олимони хориҷӣ низ берун намондааст.

Дар фазои илмии хориҷӣ масъалаҳои умумии **вазъи ҳуқуқии кӯдакро** олимони зиёди ватанӣ, ба монанди И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ш.К. Ғаюров, А.М. Диноршох, А.В. Золотухин, Н.М. Имомова, Ш.М. Исмоилов, Қ.Ш. Қурбонов, Н.Ш. Қурбонализода, М.А. Маҳмудзода, У.А. Меликов, Ш.М. Менглиев, Ҷ.С. Муртазозода, Э.С. Насриддинзода, М.З. Раҳимзода, Д.С. Раҳмон, Д.Ш.Сангинов, Б.А. Сафарзода, С.Н. Тағоева, Ш.Т. Тағойназаров, Ф.Т. Тоҳиров, О.У. Усмонов, А.Г. Холиқзода, Ҳ.Н. Ҳиматов, Б.Т. Худоёрзода, Р.Ш. Шарофзода ва олимони хориҷӣ, аз қабили М.М. Агарков, С.С. Алексеев, Г.Н. Амфитеатров, В.А. Белов, М.И. Брагинский, С.Н. Братус, А.В. Венедиктов, В.В. Витрянский, Д.М. Генкин, В.П. Грибанов, Н.Л. Дювернуа, Н. Елеонский, О.С. Иоффе, М.Г. Масевич, Д.И. Мейер, В.П. Мозолин, О.Н. Нерсесов, И.Б. Новитский, В.А. Рахмилович, В.А. Рясенстсев, А.П. Сергеев, Е.А. Суханов, Б.Л. Хаскелберг, Г.Ф. Шершеневич, В.Ф. Яковлев ва дигарон дар сатҳи диссертатсия таҳқиқ шудаанд. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол

таҳқиқоти диссертатсионии алоҳидаи комплексие, ки бахшида ба вазъи ҳуқуқии кӯдак маҳз дар шароити ҳуқуқии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Аз ҷумла аксарияти ҷанбаҳои масъала, ки танзими махсусро талаб менамоянд, ҳанӯз коркард нашудаанд. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст.

Дар диссертатсия усули дарки диалектикӣ дар таҳқиқот ба сифати замина истифода гардидааст, ки таҳлили ҳаматарафаи объектҳои таҳқиқшаванда, инчунин муайян намудани робитаҳои сабабию оқибатии зуҳуроти таҳлилшударо дар робитаи ногусастанӣ дар назар дорад; ҳамчунин усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, шабоҳат) ва махсуси дарки илмӣ – муқоисавию ҳуқуқӣ, низомию таҳлилӣ, таърихӣ, усули тафсири расмию мантиқӣ низ васеъ истифода шудаанд. Усулҳои зикршуда ба муаллиф имкон доданд, ки хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусии алоҳида, инчунин проблемаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавии Тоҷикистонро муайян ва нишон дода шаванд.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуқтаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар диссертатсия баён гардиданд.**

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур навгонии илмӣ ҳам аз тарзи гузоштани проблема ва ҳам аз роҳи ҳалли он таркиб ёфтааст, зеро дар илми ватании ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ корҳое, ки таҳлили низомноки падидаи ҳуқуқии таҳқиқшавандаро фаро гиранд, мавҷуд нестанд. Дар доираи кори мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистикаи ватанӣ ҳуқуқҳои кӯдак аз нигоҳи илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оила таҳлил гардидаанд. Навгонӣ дар ченаки мураккаби сивилистӣ ва назариявӣ-эмпирикии вазъи ҳуқуқи кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки оид ба мавҷуд будани як қатор проблема дар соҳаи муқарраротӣ қонунгузорӣ, татбиқи амалӣ ва дарки доктриналии ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд, зоҳир

мешавад. Дар доираи рисолаи мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистии ватанӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳолати ретроспективӣ дар давраи шӯравии инкишофи ҳуқуқи Тоҷикистон ва таносуби он бо тафаккури миллии ҳуқуқӣ таҳлил мегарданд.

Таҳлили қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва оилавӣ ва коркардҳои назариявии аз ҷониби мутахассисони назарияи ҳуқуқ ва илмҳои соҳавӣ амалишуда ба муаллифи рисола имкон доданд, ки фаҳмиши муаллифии «кӯдак»-ро дар ҳуқуқи гражданӣ ва оила муайян карда, бо нишон додани ягонагии мафҳумҳои дар ин ҷода истифодашаванда ба вазъи ҳуқуқии гуногун ишора намуда, бо ҳамин хусусияти онро ошкор созад.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Ба монанди:

1. Дар муқаррароти 12 ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф асоснок менамояд, ки кӯдак субъекти мустақили ҳуқуқи гражданӣ буда, ба чунин сифат тамоми унсурҳои талабшавандаро доро аст. Таҳлил нишон дод, ки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ва оилавӣ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян буда, дар ин ё ин ҳаҷм иштирокчии фаъол мебошад. Бо ҳамин асосҳо ба ақидаи дар адабиёти ҳуқуқӣ баёншуда оид ба он, ки кӯдак ба маънои аслӣ ғайри қобили амал буда, дар ҳамин нишонаи асосии кӯдак ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқ ифода меёбад, наметавон розӣ шуд. Баръакс, вазъи ҳуқуқии кӯдак дорои хусусиятҳоест, ки дар маҷмӯъ субъекти махсуси ҳуқуқ будани кӯдакро муайян менамоянд. Аз ин рӯ, тавзеҳоти рисоланависро дар ҳимоя бояд шунид.

2. Дар муқаррароти 15 ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф вазъи ҳуқуқии кӯдакро дар иртибот бо қобилияти деликтӣ ва ҷавобгарӣ баррасӣ намуда, асоснок намудааст, ки ҷузъи мустақили қобилияти субъекти ҳуқуқ будан ва ё дар таркиби қобилияти амалкунӣ будани қобилияти деликтӣ муҳим нест. Дар асоси кадом таҳлилҳо муаллифи

рисола ба чунин хулоса омадааст, ноаён аст. Мехостем, ки дар ҳимоя оид ба ин масъала равшанӣ андохта шавад.

3. Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф қайд кардааст, ки қонунгузории гражданӣ, асосан, дар иртибот бо вазъи ҳуқуқии кӯдак ду мафҳумро истифода мебарад – хурдсол ва ноболиғ. Хурдсол шахсе мебошад, ки ба синни чордаҳ нарасидааст. Ноболиғ шахсест, ки то синни 18 мебошад. Зимни истифодаи таснифи мазкур асосҳое ба инобат гирифта шудааст, ки ба назари мо начандон кофӣ мебошанд.

**Баҳои ягонагии дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.**

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ин сифати мусбати диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд дар таҳқиқоти илмии танзими ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди қонунгузории ҳуқуқи хусусӣ мусоидат карда, сабаби такмили яке аз падидаҳои муҳими илмҳои ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқҳои кӯдак истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи римӣ, ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ, курсҳои махсус, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳои илмӣ метавонад ба таври васеъ мавриди корбаст қарор гирад.

**Тасдиқи нашри нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.**

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор

шудаанд. Онҳо дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмиву амалии гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешкаш шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин дар автореферат дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.**

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқатии диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамият дорад. Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат дорад.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда (ташхисгар) аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон Султонова Тахмина Истамовна (ихтисоси 12.00.03 –Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода карда шуда, он дар семинарии васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2021 (протоколи №6) муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон 26 феврали соли 2021 (протоколи № 7) тасдиқ карда шудааст.

**Раиси семинарии васеи илмӣ-назариявӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон** **Носиров Х.Т.**

**Ташхисгар, доктори илмҳоиҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкории Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон** **Султонова Т.И.**

**Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон** **Сидиков Д.А.**

**«Имзои Султонова Т.И., Носиров Х.Т. ва Сидиков Д.А.-ро тасдиқ мекунам» Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон** **Давлатов Х.Ҳ.**

**Суроға:** ҶумҳурииТоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Руссия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
**Тел.:** (+992) 37 221–35–50, **Факс:** (+992) 37 221–35–50.
**E-mail:** p.rektora@mail.ru, http//www.rtsu.tj